## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ). – шаҳри Тошкент, 2025 – 11 саҳ.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қодирӣ Назира Дадозода ба шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ**

Дар раванди ҷаҳонишавию тағйиротҳои сиёсиву иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҷомеаи кунунӣ ба пешрафтҳои чашмрасе ноил шудааст, ки дар он раванд таҳқиқи масъалаҳои илмӣ мубрам ба шумор меравад. Хусусан, замони имрӯз тақозо мекунад, ки аҳли илм бояд дар омӯзиш, таҳлил ва баррасии масъалаҳои асоситарини илмӣ, ки ҷиҳати таҳаввули маърифати инсонӣ таъсиргузоранд, кӯшиш ба харҷ дода бошанд. Аз ин сабаб, шинохти арзишҳои миллӣ, маънавӣ ва инсонӣ бо баҳисобгирии равишҳои кунунии илми муосир яке аз мақсадҳои асосӣ ба шумор меравад.

Дар ташаккули шахсият ва мавқеи иҷтимоии ҳар як инсон таъсири маънавии оила ниҳоят бузург буда, инро одам ба туфайли таҷрибаи солим паси сар менамояд. Барои ҳамин, бештари равоншиносон мӯътақиданд, ки комёбии ташаккули шахсият дар ҳамоҳанг будани тарбияи оилавӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтааст. Барои рушди такомули ҳамаҷониба ва ҳамоҳангии шахсияти худ, наврас бояд дар муҳити оила, дар фазои хушбахтиву меҳру садоқат, ҳамдигарфаҳмӣ ба воя расад.

Аз ин ҷиҳат таҳқиқоти анҷомдодаи Қодирӣ Назира Дадозода ба шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои

психологӣ) буда, он муҳити солими психологии оила чун омили инкишофи ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ дар он ифода меёбад, ки ммӯзиши илмии яке аз ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила, ҷиҳати шинохт ва ҳалли мушкилоти хонаводагӣ нақши муассир дошта, заминаи мусоид фароҳам меоварад. Зеро муайянсозии заминаҳои ташаккули ахлоқии наврасон дар муҳити оила яке аз навгониҳои муҳимми психологияи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ба таври дуруст бароҳмонии фаъолиятҳои субъектививу объективӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак бо дарназардошти механизмҳои мутобиқшавӣ, худидоракунӣ ва арзишҳои худташкилдиҳӣ аз ҷониби волидон ҷиҳати инкишофи ҳиссиёти ахлоқии наврасон муҳим мебошад. Амалисозии тарбияи бомуваффақонаи насли наврас дар ҷомеаи муосир аз устувории оилаҳои солим ва хонаводаҳои ботарбия сарчашма мегирад, ки баррасии онҳо ниҳоят саривақтист.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои диссертатсия ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Фазои солими психологӣ дар оила чун омили зарурӣ ва шарти ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон баррасӣ шудааст. Таъсири муносибатҳои байнишахсӣ ва фазои психологии оила ба рафти инкишофи шахсият ва ахлоқи наврасон муайян карда шудааст.

2.Дараҷаи эътимоднокӣ, дастгириву ҳамдигарфаҳмӣ дар оила метавонад ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврас ба таври мусбат таъсир расонад, дар ҳоле ки муҳити munоқишаангез ва ноустувор сабаби ташаккули стресс ва ихтилофоти дохилии ӯ гардида метавонад.

3.Муносибатҳои дохилиоилавӣ ва методшои тарбия ба таври бевосита ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқӣ, ба монанди эмпатия, масъулиятшиносӣ ва иззату эҳтиром ба арзишҳои иҷтимоӣ таъсиргузор аст.

4.Омилҳои муҳими ташаккули муҳити солими психологӣ дар оила дараҷаи маърифати психологӣ ва фарҳанги муошироти аъзои оила ба ҳисоб

меравад. Истифодабарии равияҳои илмӣ дар муошират ва тарбияи кӯдакон метавонад равандҳои инкишофи ахлоқиро дар наврасон боз ҳам самаранок гардонад.

5.Таҳияву амалисозии барномаҳои махсуси машвартиву психологӣ баҳри беҳтарсозии муҳити психологии оилаҳо ва баланд бардоштани сатҳи сифати огоҳии волидон доир ба тарбияи ҳиссиёти ахлоқии наврасон мусоидат менамояд.

6.Тадриси машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ дар асоси барномаҳои таълимӣ оид ба рушди қобилиятҳои эмотсионалӣ ва ахлоқии наврасон дар муассисаҳои таълимӣ, дар ҳамкорӣ бо равоншиносон ва мутахассисони соҳаи педагогика метавонад ҳамчун воситаи иловагии дастгирии муҳити солими психологӣ дар оила хизмат намояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.**

Аз ҷониби муаллиф таҳлили адабиёти илмӣ гузаронида шудааст, ки дар он дараҷаи таҳқиқи масъалаи мавриди назар ошкор гардидааст. Интихоби самти таҳқиқ асоснок карда шуда, ҳам дастовардҳои гузаштагонамон, ҳам муаммоҳои илмии ҷойдоштае инъикоси худро ёфтаанд, ки дар оянда дарк намудан ва ғанӣ гардиданро тақозо менамояд.

Новобаста аз таҳқиқотҳои мавҷудбуда аз рӯйи муаммоҳои ҳиссиёти ахлоқии наврас, омилҳои мутобиқшавии насли наврас, методи дастгирии психологӣ, муносибати волидайн бо фарзанд, оилаҳои муаммодор, худидоракунӣ, каҷрафторӣ, худташаккулдиҳии наврас, масъалаи муҳити солими психологӣ ва бароҳати оила чун омили ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон то имрӯз дар илми психологияи тоҷик ба таври бонизом баррасинашуда боқӣ мондаанд. Диссертатсияи Н.Д. Қодирӣ ин гуна холигиҳоро баробари пешниҳодсозии амсилаи консептуалии бутун ва пешрафта пурра мегардонад.

Мувофиқи ақидаи муаллиф, муҳити психологии муошироти дохилиоилавӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқиву иҷтимоии наврасон

таъсири мусбат ё манфӣ мерасонад. Оилаҳое, ки муҳити солими психологӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва дастгирии ҳиссиётӣ намунавӣ доранд, дар ташаккули ҳисси масъулиятшинось, эмпатиява ахлоқи устувори наврасон саҳми назаррас доранд. Аммо, дар оилаҳое, ки номутавозинии психологӣ, низоъҳои оилавӣ ва набудани робитаи самимӣ ба мушоҳида мерасад, боиси зиёд гардидани равоншинохтии ноустувор ва рафтори номатлуби аҳли оила мешаванд

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия мутобиқ ба талаботи таълифи рисолаҳои зинаи номзадӣ тарҳрезӣ шуда, аз бахшҳои муқаддима, бобу фаслҳои назариявию амалӣ (ду боб), хулоса, феҳристи сарчашмаву осори таҳқиқӣ мураттаб гардида, аз он дарак медиҳад, ки муаллиф дар ҷараёни таълифи пажуҳишаш аз осори фаровони илмиву методӣ суд ҷустааст.

Дар қисмати муқаддима аз хусуси мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯхташавии он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқик, сарчашмаҳои таҳқиқ, нововарии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд. Ниҳоят, онҳо ба талаботи пешниҳодкардаи КОА, ки нисбат ба диссертатсияҳои риштаи илмҳои психологӣ дарҷ ёфтааст, риоя шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия** "Асосҳои илмӣ-назариявии омӯзиши муаммоҳои психологии муҳити солими оила" ном дошта, дар чор фасли ин боб унвонҷӯ пажуҳишҳои муҳаққиқонро дар хусуси назария ва консепсияҳои омӯзишии ҳолатҳои психологии муҳити оилавӣ мавриди таҳлил қарор додааст ва дар ҷараёни баррасии онҳо диққати асосӣ ба

масъалаи муҳити равонии оила, ки сатҳи муоширaт, дастгирии эҳсосӣ ва муносибатҳои байнишахсиро дар бар мегирад, ба инкишофи хусусиятҳои шахсият ва ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсири амиқ мерасонад, таваҷҷуҳро ба худ ҷалб менамояд.

Дар фасли нахуст соҳибрисола асосҳои илмӣ-назариявии омӯзиши муаммоҳои психологии муҳити солими оиларо аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ ба риштаи таҳлил кашида, вобаста ба он функсияҳои зерин таъкид гардидааст:: тавлид ва тарбияи фарзандон; нигоҳдорӣ, рушд ва интиқоли арзишҳо ва анъанаҳои ҷомеа ба наслҳои оянда; қаноатмандии талаботи одамон дар ҳаловатӣ равонӣ ва дастгирии ҳиссиётӣ, ҳисси бехатарӣ, меҳрубонӣ ва муҳаббат; ташкили шароит баҳри рушди шахсияти ҳамаи аъзоёни оила; ташкили бурдани хоҷагии хонагии ҳамҷоя, тақсимоти меҳнат дар оила, ёрии байниҳамдигарӣ; қаноатмандии талаботи инсон дар муошират бо одамони наздик ва ташкили фаъолият баҳри таъмини молиявии оила.

Унвонҷӯ махсусан қайд менамояд, ки дар замони имрӯза нақши зан дар ҷомеа куллан тағйир ёфтааст. Миқдори зиёди роҳбар-занон, занони соҳибкор ба чашм мерасанд, ки серкории касбии онҳо дар оилаҳои муаммодор имконияти иқтисодиву омодагии равониро ба ҷудошавӣ афзун менамояд. Дигар омили ҷудошавиро дар набудани фарзанд дар оила мебинад. Инчунин дигаргунӣ дар муносибати никоҳӣ-оилавӣ консепсияи минбаъдаи инфиродии ҳаётӣ, тағйирёбии арзишҳоро дар ташаккул ва рушди шахсият ба вуҷуд меорад. Имрӯзҳо ҷавонон дар интихоби ҳамсари ҳаётии хеш нисбат ба ҷавонони асри гузашта, ки бо интихоби волидайн амалӣ мегардид, озод ва мустақил мебошанд.

Усули таҳқиқотро Н.Д. Қодирӣ дар фасли дуюм, ӣ ки ба шарҳу тафсири мафҳуми “муҳити солими психологии оила” дар таҳқиқотҳои илмии психологӣ бахшида шудааст, риоя карда, соҳаи оилавиро сарчашмаи пурқувват ва тавоно ҳисобида, рушди такомули

равонӣ ва инкишофи одамро ҳамчун шахс маҳз дар ҳамин институт муайян менамояд. Намуди муосири оила дар заминаи ҳолати воқеии инкишоф ва таҳаввулоти ҷамъияти инсонӣ ташаккул меёбад. Омӯзиши институти оила, нуфуз ва функсияҳои он яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир ба ҳисоб меравад, зеро ки он таҳкурсии асосии ҷамъият буда, аз рӯйи меъёрҳои муайян ва принсипҳои умумӣ фаъолият менамояд, дар худ ваҳдати тамоми арзишҳои ҷомеа, ба мисли иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маънавӣ ва фарҳангиро таҷассум менамояд.

Дар фасли сеюми ин боб муаллиф ба масъалаи муҳити равонии муоширати дохилиоилавӣ чун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон рӯ оварда, чунин мешуморад, ки дар раванди таҳлили масоили мушкилии худидоракунии наврасон аз рӯйи меъёрҳои гуногун баҳо додан зарурат дорад. Чунин ибрози назар асос ва сабаби худро дорад. Дар давраи наврасӣ на ҳама волидайн ба рушду нумӯи шахсияти фарзандони худ аҳаммияти зарурӣ медиҳанд, ки он ба натиҷа ва оқибатҳои ногувор оварда мерасонад. Насли наврас бо мушкилиҳои иҷтимоии оила ба суолҳои хеш посух наёфта, ба ҳар гуна муҳити созгор ва ё носоз ҳамроҳ мегардад.

Фасли охири ин боб таъсири муносибатҳои оилавӣ ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасонро дар бар гирифта, оиларо ҳамчун муҳити асосӣ баррасӣ менамояд, ки дар он фарзанд ташаккул меёбад. Оила чун фазоест, ки дар он бори нахуст меъёрҳои рафтор ва муқаррароти иҷтимоӣ азхуд карда мешавад.

**Боби дуюм** – “Таҳқиқи озмоишии муайян намудани мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон” – дар чор фасл тарҳрезӣ шуда, дар фасли аввал тавсифи умумии таҳқиқот ва методҳои он он ва дар фасли дуюм таҳлилу тафсири натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Дар фасли сеюм муайянсозии андешаҳои наврасон аз назари гендерӣ ба роҳ монда шуда, дар фасли чорум таҳлили натиҷаҳои

таҳқиқот оиди муайян намудани муҳити психологии оила ва таъсири он ба ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон нишон дода шудааст.

Диссертант тавассути методҳои анкетавӣ, мушоҳидавӣ ва таҷрибавӣ таҳқиқотро ба роҳ монда, робитаи байни муҳити равонии оила ва рушди ҳиссиёти ахлоқии наврасонро бо далелҳои илмӣ асоснок намудааст. Натиҷаҳои таҳлили гендерии андешаҳои наврасон нишон додаанд, ки муносибати падару модар бо писарон ва духтарон фарқияти назаррас дорад. Духтарон бештар эҳсосоти равонӣ ва ниёз ба дастгирии эҳсосиро нишон медиҳанд, дар ҳоле ки писарон бештар ба муносибати фаъол ва модели рафтории равонан устувор тамоюл доранд.

Унвонҷӯ чунин мешуморад, ки муҳити равонии оилавӣ омили муҳим дар рушди шахсият ва арзишҳои ахлоқии кӯдакон мебошад. Дар асоси таҳлили маълумотҳои эмпирикӣ ва озмоиши муқарраркунанда муайян гардид, ки сатҳи устувории равонӣ, тарзи муошират ва муносибати волидон ба наврасон бевосита ба ташаккули ҳисси масъулият, ҳамдардӣ ва худидоракунии онҳо таъсир мерасонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертанъ тасдиқ намудаанд, ки оила ҳамчун ниҳоди асосии иҷтимоӣ ва равонӣ дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон нақши калидӣ мебозад. Муҳити оилавӣ бояд ба рушди ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва масъулиятшиносӣ мусоидат намояд, то кӯдакон тавонанд шахсияти комил ва мутобиқ ба талаботи ҷомеа ташаккул диҳанд.

Муаллифи диссертатсия ба хулосае омадааст, ки таҳқиқот аҳаммияти муҳити равонии мусоиди оилавиро ҳамчун заминаи ташаккули шахсияти ахлоқӣ ва иҷтимоии наврасон тасдиқ намуд. Натиҷаҳои бадастомада зарурати таҳия ва татбиқи барномаҳои психологии таҳкими робитаҳои оилавӣ ва усулҳои самарабахши тарбияро дар амалияи равоншиносии оилавӣ собит месозанд.

**Аҳаммияти назариявии диссертатсияи** тақризшаванда аз он иборат аст, ки бардоштҳои унвонҷӯ метавонад дар раванди таълими

барномаҳои таълимӣ аз соҳаи психологияи амалӣ мавриди тадрис қарор хоҳад гирифт. Ба ғайр аз ин, дар амалисозии амалии муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки дар самти танзими муносибатҳои оилавӣ ба тасвиб расидаанд, иттилооти таҳқиқот метавонад маводи заруриро пешниҳод намояд. Истифодаи маводи таҳқиқот дар самти тарбияи психологӣ, маърифатӣ, худшиносиву хештаншиносӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ахлоқӣ заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар он аст, ки корбурди натиҷаҳои таҳқиқот дар коркарди барномаҳо барои оилаҳои ҷавон, волидайн, мушовири оилавӣ, машварати устодони равоншинос ва кор бо наврасон ҳамчун асос муфид мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар рисолаҳои илмии минбаъдаи мавзуотӣ дар доираи дигар илмҳо, ҳангоми таълими курсҳои муносибатҳои оилавӣ, психологияи наврасон, психологияи иҷтимоӣ, психологияи синнусолӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи** мазкур дар риояи принсипҳои методологии таҳқиқот, асоснокии муқаррароти ибтидоии назариявӣ, таҳлили дастовардҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ-психологӣ, салоҳиятнокии гурӯҳчин, интихоб ва истифодаи воситаҳои мувофиқ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ифода меёбад. Унвонҷӯ ҳангоми гузаронидани таҳқиқот шартҳои эмпирикӣ ва назариявиро риоя намуда, асосҳои назариявии таҳлили далелҳои бадастовардаро мавриди истифода қарор додааст, ки натиҷаи онҳо объективӣ мебошанд. Зимни ташкилу интихоби гурӯҳчин вазифаҳои таҳқиқот вобаста ба мароми рисола низ ба назар гирифта шуда, методҳои индуктивӣ ва оморӣ дар рафти таҳлили натиҷаи таҳқиқот истифода гардидаанд.

Диссертатсия бо ягонагии дохилӣ, мантиқӣ будани фикрронӣ, пайдарпайии гузариш аз асоснокии назариявӣ ва ҷанбаҳои амалӣ ва натиҷаҳои озмоишӣ фарқ мекунад. Кори мазкур аз муқаддима, ду бобе, ки 8

зербобро дарбар мегирад, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар кор ҷадвалҳо ва расмҳо оварда шудаанд. Мавод ба таври илмӣ, асоснок, босаводона, бо такя ба рӯйхати адабиёти фарох (зиёда аз 175 сарчашма) ифода гардидааст.

Кор бо истифода гардидани раҳёфтҳои муосири психологӣ фарққунанда аст, ки ба навгонии таҳқиқот мусоидат менамояд. Диссертант татбиқи моҳиронаи методҳои психологӣ, аз ҷумла методикаи «Намудоршавии омилҳои солимии психологӣ»; методикаи таҳқиқи дараҷаи майл ба эмпатияи И.М. Юсупов дар рафти таҳқиқ мавриди корбурд қарор гирифта, методҳои умуминазариявии таърихӣ -муқоисавӣ, мавзуӣ-мундариҷавӣ, сохторӣ, системавӣ, индуктивӣ ва анализ, методи синтетикӣ, методҳои эмпирикӣ чун мушоҳида, суҳбат, пурсишнома, дастгирии психологӣ, воридшавӣ ба гурӯҳ, таҳлили адабиёт аналогия ва абстраксиянамоӣ, анкета, ташхис, тестгузаронӣ ва дигар равишҳои маъмулу муосири таҳқиқиро ба роҳ мондааст.

**Интишороти натиҷаҳо аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи пажуҳишаш 11 мақоларо ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ чоп шудаанд, дар онҳо нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсия комилан инъикос ёфтаанд. Ин аз фаъолии баланди илмӣ ва кори муназзам аз болои мавзуи таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

Мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.

Автореферати диссертатсия ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ аст.

Новобаста аз ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо, нуктаҳои баҳнок, хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикие ҷой доранд, ки дар байнашон инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Унвонҷӯ пойгоҳи озмоиши рисолаи худро танҳо дар як муассисаи олии таълимӣ яъне Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров гузаронидааст, хуб мешуд, ки озмоиши ӯ дар дигар муассисаҳои олӣ низ сурат мегирифт, сифати кор боз ҳам бештар мегардид.

2. Агар дар қисми таҷрибавӣ - озмоишии таҳқиқот стресси таълимии донишҷӯён аз ҷиҳати муқоисаи гендерӣ мавриди омӯзиш қарор мегирифтанд, арзишмандии кори илмӣ ба маротиб баланд мешуд.

3. Дар таҳқиқот шаклҳои гуногуни иқтибосоварӣ истифода гардидааст. Хуб мебуд, агар аз шакли дуруст ва маъмулии он истифода мегардид.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба арзиши умумии диссертатсия таъсир намекунанд ва дар оянда ҳангоми нашри монография ба эътибор гирифтани онҳо боиси афзун шудани ҳусни пажуҳиш хоҳад шуд.

Дар умум, диссертатсияи номзадии Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) ба талаботи бандҳои 32-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
Доктори илмҳои психологӣ, профессор,
декани факултети педагогикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории Каттақӯрғон — Саидов Азамат Азаматович

**Суроға:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Самарканд, шаҳри Каттақӯрғон,
кӯчаи Амир Темур, 27.
Тел: (+99891) 5373280
E-mail: saidovazamat@bk.ru

*Дурустии имзои Азамат Исмоилович Саидовро тасдиқ мекунам.*
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи давлатии омӯзгории Каттақӯрғон — Иброҳимов Ҷаҳонгир Тошниёзович

«12» 11 соли 2025